**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №_______

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 7 феврали соли 2023, № 23 дар бораи сазовор донистани Раҷабзода Сорбон Абдусалом шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Раҷабзода Сорбон Абдусалом дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат санаи 22 ноябри соли 2022, суратмаҷлиси №12 аз ҷониби Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбни Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд 62), ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ 20-уми майи соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2015 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Аз соли 2015 то соли 2022 дар зинаҳои гуногуни мақомоти судӣ кор карда, аз 6 декабри соли 2022 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи судяи суди шаҳри Гулистони вилояти Суғд таъин гардида, то айни ҳол дар ин вазифа фаъолият намуда истодааст. Аз 19 январи соли 2018 то 31 декбри соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Мавзуи диссертатсия – «Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2018, №7 тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 01.10.2022 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва муҳокима гардида, ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия карда шудааст (суратмаҷлиси №1/1, аз санаи 16.09.2022). ҳамчунин, дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, аз 21-уми октябри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳукуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Аминҷонов Абдураззоқ Худойшукурович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав;

**Муассисаи пешбар** – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби Мансурзода Амиршоҳ Мансур - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, аз ҷониби сардори кафедраи мазкур Каримзода У.К. ба имзо расидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Раҷабзода С.А. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Хулоса, рисолаи диссертатсионии Раҷабзода Сорбон Абдусалом ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Раҷабзода, С.А. Товони зарар аз ҷиноят расонидашуда ҳамчун воситаи барқарор кардани адолати иҷтимоӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ (Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2020. – № 4/2 (49). – С. 200-206. ISSN 2664-0651

**[2–М].** Раҷабзода, С.А. Товони зарар аз ҷиноят дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ: таҳлили таърихӣ– ҳуқуқии муқоисавӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода, У.А. Азиззода. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ–амалӣ). – Душанбе, 2021. – №3(23). – С. 19-30. ISSN 2414-9217.

**[3–М].** Раҷабзода, С.А. Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ–амалӣ). – Душанбе, 2021. – №3(23). – С . 88-96. ISSN 2414-9217.

**[4–М].** Раҷабзода, С.А. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода, У.А. Азиззода. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2021. – № 4 (36) – С. 5-15. ISSN 2307-5198.

**[5–М].** Раҷабзода, С.А. Танзими институти товони зарар аз ҷиноят дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – № 4 (40). – С. 197-201. ISSN 2305-0535

**[6–М].** Раҷабзода, С.А. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода, У.А. Азиззода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – Душанбе, 2022. – №2. – С.241-247. ISSN 2413-5151.

**[7–М].** Раҷабзода, С.А. Инъикоси кафолати конститутсионии ҷуброни зарар ба ҷабрдида дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Раҷабзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2021. – № 4 (36). – С. 66-71. ISSN 2307-5198.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[8–М].** Раҷабзода, С.А. Танзими ҳуқуқии товони зараре, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят расонида шудааст [Матн] / С.А. Раҷабзода, У.А. Азиззода. // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 215-225. ISBN 978-99975-73-64-3

**[9–М].** Раҷабзода, С.А. Ҷавобгарии ҳуқуқии позитивӣ (мусбӣ, перспективӣ) [Матн] / С.А. Раҷабзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019–2021)» ва «400–солагии Миробид Сайидои Насафӣ» – Душанбе, 2019. – Ҷ.2. – С.127-128.

**[10–М].** Раҷабзода, С.А. Сиёсати ҳуқуқӣ–ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти товони зарар аз ҷиноят расонидашуда [Матн] / С.А. Раҷабзода // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7–уми декабри соли 2020) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 341-353. ISBN 978-99975-73-64-3

**[11–М].** Раҷабзода, С.А. Товони зарар аз ҷиноят дар замони давлатдории Сомониён [Матн] / С.А. Раҷабзода // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7–уми декабри соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 379-385. ISBN 978-99975-39-85-4

**[12–М].** Раҷабзода, С.А. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони аз ҷиноят зарардида дар замони соҳибистиқлолии давлатӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода // Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо: маводҳои конференсияи

байналмилалии илмӣ – амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия. – Душанбе, 2021. – С. 316-322.

**[13–М].** Раҷабзода, С.А. Асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ» – Душанбе, 2022. – С. 130-135.

**[14–М].** Раҷабзода, С.А. Рушди институти товони зарар аз ҷиноят дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Раҷабзода, У.А. Азиззода. // Материалы республиканской научно-практической конференции «Конституция – как фактор стабильности государства» (05 ноября 2022 года). – Душанбе, 2022 – С. 30-36.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Раупова М.Т.** – профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқарриз иброз менамояд, ки «Унвонҷӯ дар тавсияҳои худ “- даромадҳои ҳадафнок аз созмонҳои байналмиллалӣ”-ро ҳамчун сарчашмаи маблағгузории фондҳои махсуси ҳадафноки ҳифзи қурбониёни кирдорҳои ҷиноятӣ шарҳ додааст. Муаллифро зарур аст, ки ин пешниҳоди худро васеътар асоснок намояд, то ин ки зери ибораи “даромадҳои ҳадафнок” чиро бояд фаҳмид кушода дода шавад».

«Дар автореферати кори диссертатсионӣ ва кори диссертатсионӣ аз ҷониби унвонҷӯ ибораи “ҳуқуқи шӯравӣ” истифода гардидааст. Диссертант бояд мавқеи худро муайян намояд, ки зери ибораи “ҳуқуқи шӯравӣ” чиро дар назар дорад».

**Элназаров Д.Х.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлати-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон. Муқарриз иброз намудаанд, ки

«Муаллиф пешниҳод намудааст, ки ба моддаи 8-и Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми сеюм дар таҳрири зерин илова карда шавад: «3. Ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят вайрон шудаанд, бояд барқарор ё ҷуброн карда шаванд». Аз унвонҷӯ доир ба масъалаи мазкур асосноккунии иловагӣ талаб карда мешавад, чаро маҳз дар принсипҳои Кодекси ҷиноятӣ бояд ин муқаррарот ворид карда шавад, на ин ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ».

«Пешниҳоди дигари унвонҷӯ дар он аст, ки баҳри ҳаматарафа татбиқ намудани талаботи моддаи 131-и КМҶ ҶТ ба муқаррароти қисми 3-и моддаи 310-и КМҶ ҶТ, ки ба маҳдудиятҳои истифода нагардидани институти «тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ» бахшида шудааст, мавҷудияти даъвои граждании дар мурофиаи ҷиноятӣ низ ҳамчун маҳдудияти татбиқи институти мазкур ворид карда шавад. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки дар чунин сурат ин тағйирот маҳдуд кардани ҳуқуқҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад ё не».

**Ҳаитов С.П.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Муқарриз қайд намудаанд, ки «Дар тавсияи ҳаштуми худ унвонҷӯ қайд кардааст, ки оштии ҷабрдида ва шахси ҷиноятсодиркарда (гумонбаршуда, айбдоршаванда, маҳкумшуда) бояд бо ҳуҷҷати алоҳида ба қайд гирифта шавад ва ин ҳуҷҷат ба маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шавад. Ин тавсияи муаллиф асосноккунии алоҳидаро талаб менамояд».

«Дар банди ҳафтуми хулоса муҳаққиқ қайд намудааст, ки то замони ба Руссияи подшоҳи пайвастани Осиёи Марказӣ меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ дар самти амалӣ намудани

рӯёнидани товони зарари аз ҷиноят ба шахс расонидашуда дар ҳамбастагӣ амал мекарданд. Аз адабиётҳои ҳуқуқи маълум мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ то нимаи асри XX низ дар баъзе аз минтақаҳои Тоҷикистони таърихӣ амал мекарданд. Доир ба масъалаи мазкур мавқеи иловагии муаллифро мепурсам».

**Шокиров Ғ.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Муқарриз ияброз намудааст, ки «Унвонҷӯ дар тавсияҳои нуҳум ва даҳуми худ оид ба зарурияти таъсиси фондҳои махсуси ҳадафноки ҳифзи қурбониёни ҷиноят андеша баён кардааст. Доир ба зарурияти таъсиси чунин фондҳои мақсаднок аз ҷониби муаллиф шарҳу тавзеҳи бештар талаб карда мешавад».

«Дар автореферати диссертатсияи Раҷабзода С.А. қисмате аз нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавнда аз меъёр зиёд тавсиф гардидаанд ва муаллифро мебоист, ки онҳоро мухтасар намояд».

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои муқарризон баҳснок мебошанд ва аз муракаб будани мавзуъ далолат мекунанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67, 70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- омӯзишу таҳқиқи мафҳум, намудҳо ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дар ин замина муайян кардани товони зарар ҳамчун функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

- дар асоси таҳқиқот муайян намудани мавқеи товони зарар аз ҷиноят дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ;

- таҳлили падидаи товони зарар аз ҷиноят дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ;

- омӯзиш ва таҳқиқи институти товони зарар аз ҷиноят дар низоми ҳуқуқии мусулмонӣ;

- таҳқиқи махсусияти инкишофи товони зарар аз ҷиноят дар замони амали ҳуқуқи мусулмонӣ дар робита бо дигар низомҳои ҳуқуқию одатӣ;

- омӯзиши инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар низоми ҳуқуқии шуравӣ;

- омӯзиши институти товони зарар аз ҷиноят дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

дар асоси таҳқиқот муайян намудани дурнамои инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистони муосир як қатор тавсияҳои назарӣ ва амалӣ таҳия ва пешниҳод намудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** хулоса ва пешниҳодҳои назариявию амалӣ ва дурнамое, ки ҳангоми таҳқиқи диссертатсия анҷом дода шудаанд, барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аҳамияти калон дошта, ба такмили қонунгузории соҳавӣ вобаста ба товони зарар аз ҷиноят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад. Истифодаи пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ метавонад ба ташаккул ва рушди падидаи товони зарар аз ҷиноят мусоидат намояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли усулҳои диалектика, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ баромад кардаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи товони зарар аз ҷиноят истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳаммияти калон доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд,** ки ба таҳлили асоснок ва воқеъбинонаи паҳлуҳои назариявию амалии товони зарар аз ҷиноят, таҳлил намудани натиҷа ва хулосаҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявию амалии муаллиф, ба роҳ мондани дурнамои падидаи мазкур бо мақсади коркард ва дарёфти механизми муосири товони зарар аз ҷиноят асос меёбанд.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Ғайр аз ин, муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ доир ба ҳалли масъалаҳо вобаста ба товони зарар аз ҷиноят дар илмҳои соҳавӣ ва қонунгузории кишвар навгониҳои назаррасро пешниҳод намудааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 07 феврали соли 2023, №23 қарор қабул карда шуд, ки ба Раҷабзода Сорбон Абдусалом дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №16/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ «13» нафар, «муқобил нест», блютенҳои беэътибор «нест».

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Золотухин А.В.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**

**07 феврали соли 2023**